# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Валиев Ҷ.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Парвариши ҷуворимакка аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок буда, дар қатори растаниҳои дигари кишоварзӣ, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамакат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳлили хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар минтақаи Тоҷикистони Шимолӣ хеле муҳим буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот аз тарафи муаллиф мувофиқи вазифаҳои гузошта шуда интихоб шудаанд. Таҷрибаҳои илмӣ бо мушоҳидаҳои фенологии сабзишу инкишофи растанӣ, таҳлилҳои озмоиши ва усули ҷуфтикунонии байнинамудӣ иҷро шудаанд, ких еле муосир мебошанд. Истифодаи усулҳои матеатикию – статистикии коркарди натиҷаҳои эксперименталӣ аз дақиқии хулосаҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Дар рисолаи Ҷ.А. Валиев натиҷаҳои нави илмӣ оид ба хусусиятҳои морфо-биологии ҷуворимакка ба даст оварда шудааст. Бори аввал 500 намунаҳои ҷуворимаккаҳои берунмарзӣ ва селексионии навъҳои маҳалӣ, шаҷараҳои худгардолудшаванда мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, ки дар оянда барои истеҳсолот пешниҳод мегарданд. Дар натиҷаи корҳои селексионии бисёрсола навъи «Истиқлол» ихтироъ карда шудааст, ки фоидаи соф 17910 сомониро ташкил додааст. Ин навъ барои руёнидани ҳосили фаровони дон ва анбуҳи сабз дар шароити заминҳои обёришаванда санглохи минтақаи Суғд тавсия гардидааст.

Таҳлили автореферат ва гуфтаҳои боло зикргардида аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии Ҷамшед Абдумаликович бо мақолаҳои илмии чопнамудаи муаллиф мазмун ва мӯҳтавои асосии диссертатсияро пурра иникос мекунад. Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии

атастатсионии назди Президенти ҶТ комилан ҷавобгӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, Валиев Ҷ.А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор аст.

Тақризнавис: Юлдошев Ҳ. – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ________________

Имзои Юлдошев Ҳимоҳиддинро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ ________________ Тавқиев Э.Ш.

09. 06.2021.

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17, Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
Тел: 918-81-25-14